«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
номзади илмҳои физика-математика, дотсент
________ Наҷмиддинов А.М.
«11» апрели соли 2023

# ХУЛОСАИ

Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Саид Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзуи "Ҷанбаи педагогии дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ҷараёни корҳои таълимӣ - тарбиявӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Саид Ниёзмуҳаммад Саид 25 - уми июли соли 1965 дар деҳаи Ҷартепп, ҳозира деҳаи Хуррамзамини ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ба дунё омадааст. Соли 1971 ба МТМУ №8 рафта, онро соли 1981 хатм намудааст. Худи ҳамон сол ба омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Қурғонтеппа дохил шуда, онро бо ихтисоси муаллими синфи ибтидоӣ хатм намудааст. Соли 1990 ба Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа дохил шуда, онро соли 1995 бо ихтисоси муаллими синфҳои ибтидоӣ хатм намудааст. Соли 2001 ба Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа дохил шуда, онро соли 2005 бо ихтисоси иқтисод ва идоракунӣ хатм менамояд.

Фаъолияти меҳнатиро соли 1986 ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоии МТМУ №3 - и шаҳри Қурғонтеппа оғоз намудааст. Солҳои 1987 - 1988 муаллими сарвари пешоҳангон, 1987 - 1996 муаллими синфҳои ибтидоӣ, 1996 – 2001 ҷонишини директор оид ба синфҳои ибтидоӣ, 2001 - 2003 ҷонишини директор оид ба корҳои таълим, 2003 - 2011 директори МТМУ №8, 2011 - 2013 директори МТМУ №2, 2013 - 2022 мудири шуъбаи

маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғара шуда, фаъолият намудааст. Айни ҳол, директори Литсейи хонандагони болаёқати шаҳри Бохтар мебошад.

Саид Ниёзмуҳаммад солҳои 2015-2019 ба сифати унвонҷӯ дар шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ, илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолият карда, имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои Таърих ва фалсафаи илм - 5 (хуб), Забони англисӣ - 4 (хуб), Педагогика - ихтисосро бо баҳои 5 (аъло) супоридааст.

Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои педагогӣ, Гулмадов Файз.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муҳокима гардида, барои баррасӣ ба семинари илмӣ - методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф пешниҳод гардидааст (Протоколи шуъба аз 05. 12. 2022, №11).

Семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии Саид Ниёзмуҳаммадро бо иштироки муқарризони расмӣ: номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ Котибова Ш. ва номзади илмҳои педагогӣ, ходими пешбари илмии ПРМ АТТ Ҷонмаҳмадова Г. мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Унвонҷӯй Саид Ниёзмуҳаммад оид ба мазмуни мухтасари диссертатсия, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардааш мухтасар баромад карда, хулоса ва тавсияҳои методиашро оид ба мазмун ва мундариҷаи ҷанбаи педагогии дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ҷараёни корҳои таълимӣ - тарбиявӣ манзури ҷаласа намуд ва ба саволҳои додашуда ҷавобҳои мушаххас дод.

маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғара шуда, фаъолият намудааст. Айни ҳол, директори Литсейи хонандагони болаёқати шаҳри Бохтар мебошад.

Саид Ниёзмуҳаммад солҳои 2015-2019 ба сифати унвонҷӯ дар шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ, илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолият карда, имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои Таърих ва фалсафаи илм - 5 (хуб), Забони англисӣ - 4 (хуб), Педагогика - ихтисосро бо баҳои 5 (аъло) супоридааст.

Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои педагогӣ, Гулмадов Файз.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муҳокима гардида, барои баррасӣ ба семинари илмӣ - методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф пешниҳод гардидааст (Протоколи шуъба аз 05. 12. 2022, №11).

Семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии Саид Ниёзмуҳаммадро бо иштироки муқарризони расмӣ: номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ Котибова Ш. ва номзади илмҳои педагогӣ, ходими пешбари илмии ПРМ АТТ Ҷонмаҳмадова Г. мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Унвонҷӯй Саид Ниёзмуҳаммад оид ба мазмуни мухтасари диссертатсия, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардааш мухтасар баромад карда, хулоса ва тавсияҳои методиашро оид ба мазмун ва мундариҷаи ҷанбаи педагогии дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ҷараёни корҳои таълимӣ - тарбиявӣ манзури ҷаласа намуд ва ба саволҳои додашуда ҷавобҳои мушаххас дод.

Дар муҳокимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муқарризони холис ва иштирокчиёни ҷаласа иштирок карда, андеша ва пешниҳоду эроди худро нисбат ба таҳқиқоти Саид Ниёзмуҳаммад иброз намуданд.

Муқарризи расмӣ - номзади илмҳои педагогӣ, Котибова Ш. аз ҷумла қайд намуд, ки мазмун ва мундариҷаи ҷанбаи педагогии дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир буда, зарурати ба роҳ мондани он дар ҷараёни корҳои таълимӣ - тарбиявиро дар муассисаҳои таълимӣ татбиқ менамояд. Азнавсозӣ ва ислоҳоти соҳаи маориф татбиқ намудани чунин як низомеро талаб менамояд, ки тавонад тамоми кори тарбияи ахлоқии насли наврасро ба дараҷаи талаботи имрӯза, ба ҷараёнҳои пешқадами дар ҷомеа ба амаломада баланд бардошта тавонад.

Ташаккули тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол аз технологияи бонизоми ташкилшудаи муосир дар омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ иборат аст, ки дар он авлавият ба мазмун, метод, восита ва шаклҳои тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагон дода мешавад. Инчунин, муқарриз дар хусуси навгонии илмии диссертатсия қайд намуд, ки зимни таҳқиқот унвонҷӯ мазмун ва моҳияти мафҳуми "ҷуръатнокии ахлоқӣ"-ро мушаххас намуда, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи онро пешниҳод кардааст.

Дар таҳқиқот исбот карда шудааст, ки то ба имрӯз дар таҷриба ва амалия ҷанбаи педагогии дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ дар муассисаҳои таълимӣ - тарбиявии ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва баррасии озмоишҳо ба муҳаққиқ имконият додаанд, ки ба як қатор саволҳои калидии ба мавзуи таҳқиқот дахлдошта ҷавоб гӯяд.

Дар интиҳои баромад номзади илмҳои педагогӣ, Котибова Ш. қайд намуд, ки кори илмию таҳқиқотии унвонҷӯ ба шурои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Муқарризи холиси дигар - номзади илмҳои педагогӣ, ходими пешбари илмии ПРМ АТТ Ҷонмаҳмадова Г. қайд намуд, ки асоси

таҳқиқоти унвонҷӯро баррасии раванди муносибати хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ҷустуҷӯйҳои илмӣ ва самарбахшии он дар шароити муосир ташкил додааст ва дар натиҷа онҳо барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ таҷрибадор мегарданд. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯ дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додааст.

Ҷонмаҳмадова Г. қайд намуд, ки таҳқиқоти илмии Саид Ниёзмуҳаммад имкон медиҳад, дар асоси муносибати ҳадафмандона ба таълим масъалаи ҳавасмандии хонандагон ба омӯзиши дониш зиёд гардида, тайёрии онҳо ба зиндагии оянда таъмин мешавад, талабот барои ҳосил намудани донишҳои нав ва эҳсоси мустақилӣ зиёд мегардад.

Мавсуф афзуд, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ, омода намудани воситаҳои аёнӣ, маърузаю баромадҳо оид ба раванди ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ истифода кард. Аз ин рӯ, пешниҳод кард, ки диссертатсияи Саид Ниёзмуҳаммад барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ манзур карда шавад.

Муҳим будани диссертатсияи номзадии Саид Ниёзмуҳаммад дар он собит мешавад, ки дар шароити муосир масъалаҳои мухолифатҳо ва ҳалли онҳо, мавҷуд набудани барномаи мушаххас оид ба масъалаи мазкур, муқаррар набудани арзишҳои ахлоқӣ ва муқаррароти амалӣ дар вазъияти иҷтимоӣ - фарҳангӣ боиси паст гардидани сатҳи одобу ахлоқи наврасон мегардад ва барои ҳалли ин масъала аз зинаи таҳсилоти ибтидоӣ чораҳо андешидан лозим аст.

Аз ин рӯ, омӯзиши ҷанбаи педагогии дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ҷараёни корҳои таълимӣ - тарбиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила масъалаҳо норавшан мондаанд, ки таҳқиқ ва ҳаллу фаслро тақозо менамояд.

Довталаб зимни таҳқиқоти худ мазмун ва мундариҷаи таълими дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқиро муайян намудааст.

Муҳаққиқ проблема, мақсаду вазифа ва фарзияи таҳқиқоти диссертатсиониро дуруст муайян карда, дар ин замина корҳои зеринро иҷро намудааст. Аз ҷумла,

– адабиёти педагогӣ ва психологии муайян намудани моҳият ва мазмуни таълими дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ҷараёни корҳои таълимӣ - тарбиявиро таҳлил кардааст;

– ташаккулдиҳандаҳои асосӣ, меъёрҳо ва зинаҳои омодагии омӯзгор ва хонандаи ояндаро барои ҷиҳати инкишоф додани ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ҷараёни корҳои таълимӣ - тарбиявӣ муайян намудааст;

– мазмуни тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоиро аз нуқтаи назари ворид сохтани онҳо ба ҷаҳони мураккаби арзишҳои инсонӣ ва андӯхтани малакаи ба рафтору кирдори худ ва рафтору кирдори рафиқони худ баҳо дода тавонистан пешниҳод намудааст;

– зимни озмоишҳои педагогӣ самаранокии таҳқиқоти педагогӣ ва барномаи коркардшударо бобати мазмуни таълими ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ҷараёни корҳои таълимӣ - тарбиявиро санҷидааст;

– тавсияҳои методиро барои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ҷиҳати самаранок омода намудани ҷанбаи педагогии дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқиро пешниҳод намудааст.

Зимни иҷрои мақсаду вазифаҳо ва таҳқиқоти илмӣ диссертант ба навгониҳои илмии зерин комёб шудааст:

– хусусиятҳои дақиқи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсолро ошкор ва мушаххас кардааст;

– ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсолро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудааст;

– қобилияти интихоби рафторҳои дурусти ахлоқиро аз ҷониби хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян намудааст;

– барномаи махсуси педагогииро ҷиҳати дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба вуҷуд овардани тасаввуроти амиқ оид ба ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ тарҳрезӣ намудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар раванди озмоиши педагогӣ маҳсулнокии ҷанбаи педагогии дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ санҷида шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои методие пешниҳод гардидаанд, ки ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷиҳати тарбия намудани насли наврас ҳамчун роҳнамо хизмат хоҳад кард.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои илмии зерини дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷӯ пурра мазмуни диссертатсияро фаро мегиранд:

[1-М] Саид Ниёзмуҳаммад. Баъзе хусусиятҳои дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ягонагии эътиқод ва рафтори ахлоқӣ [Матн] / Ниёзмуҳаммад Саид // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, – Душанбе – 2017. – №3 (24). – С. 30 – 35.

[2-М] Саид Ниёзмуҳаммад. Сущность содержания формирования нравственной смелости младших школьников в учебно – воспитательном процессе [Матн] / Ниёзмуҳаммад Саид // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, – 2017. – №3/4. – С. 254 – 259.

[3-М] Саид Ниёзмуҳаммад. Аҳамияти тарбияи малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ – ахлоқии мактаббачагони хурдсол [Матн] / Ниёзмуҳаммад Саид // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, - 2017. – №3/5. – С. 297 – 303.

[4-М] Саид Ниёзмуҳаммад. Фаъолияти якҷояи мактаб ва оила дар ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол [Матн] / Ниёзмуҳаммад Саид // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, - Душанбе, - 2017. – №3/7. Қисми 2. – С. 174 – 178.

[5-М] Саид Ниёзмуҳаммад. Фаъолияти муштараки муаллимони синфҳои ибтидоӣ ва волидон ҷиҳати истифодаи анъанаҳои хонаводагӣ дар ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол / Ниёзмуҳаммад Саид // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, - Душанбе, – 2018. – №6. – С. 246 – 251.

[6-М] Саид Ниёзмуҳаммад. Аҳамияти муоширати маданӣ дар ташаккули ахлоқии мактаббачагони хурдсол [Матн] / Ниёзмуҳаммад Саид // Маҷаллаи “Маорифи Тоҷикистон”. – 2018. – №1. – С. 44 – 49.

[7-М] Саид Ниёзмуҳаммад. Баъзе масъалаҳои тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ [Матн] / Ниёзмуҳаммад Саид // Маҷмуаи мақолаҳои конференцияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявии “Омӯзиш ва татбиқи афкори педагогии ниёгон дар таҳсилоти муосир”, №04, - 2021. – С. 89 – 96.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокдорон ҷаласаи васеи семинари илмӣ - методӣ қ а р о р к а р д:

1. Диссертатсияи илмии Саид Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзуи “Ҷанбаи педагогии дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ” кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Саид Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзуи “Ҷанбаи педагогии дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ” ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ҷавобгӯ мебошад.

3. Диссертатсияи Саид Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзуи “Ҷанбаи педагогии дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ҷараёни корҳои таълимӣ - тарбиявӣ” барои ҳимоя дар шурои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсия ва пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз ҷониби котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ АТТ Тоҳириён Ш. мураттаб шуда, дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ АТТ аз 7 марти соли 2023, протоколи №03 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “Тарафдор”–17 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф”– нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,
роҳбари семинари илмӣ-методӣ, муовини
директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон — Туронов С.Ш.

**Муқарризон:**
номзади илмҳои педагогӣ,
мудири шуъбаи муассисаҳои
томактабӣ ва ибтидоии
Пажуҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ — Котибова Ш.

Номзади илмҳои педагогӣ,
ходими пешбари илмии ПРМ АТТ — Ҷонмаҳмадова Г.

Котиби ҷаласаи семинари илмӣ-методӣ,
номзади илмҳои филология, мудири
шуъбаи фанҳои филология — Тоҳириён Ш. А.

*Имзои С.Туронов, Котибова Ш., Ҷонмаҳмадова Г. ва Ш. А. Тоҳириёнро тасдиқ менамоям.*

Мудири шуъбаи кадрҳои
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии
АкадемияиТаҳсилотиТоҷикистон — Ҳакимова Х.